Қиёмат барпо намешавад, то ин ки замон ба ҳам наздик шавад

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Қиёмат барпо намешавад, то ин ки замон ба ҳам наздик шавад. Ва ҳар сол монанди моҳ шавад ва моҳ монанди як ҳафта шавад ва як ҳафта монанди як рӯз шавад ва як рӯз монанди як соат шавад ва як соат монанди сӯхтани барги дарахти хурмо (тез бигзарад)."

[Саҳеҳ] [رواه أحمد]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки яке аз нишонаҳои қиёмат наздик шудани вақт аст. Дар натиҷа як сол монанди як моҳ мегузарад. Ва як моҳ монанди гузаштани як ҳафта мегузарад. Ва як ҳафта монанди як рӯз мегузарад. Ва як рӯз монанди як соат мегузарад. Ва як соат чунон тез мегузарад, ки ба монанди сӯхтани як барги дарахти хурмо мегузарад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65027